**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Азиззода Маҳваш Абдулҳаким дар мавзӯи "Идоракунии фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.26. – Маркетинг)**

аз 19 майи соли 2026 ш. Душанбе

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар ҳайати: Аминов И., д.и.и., профессор – раиси комиссия, Фақеров Ҳ.Н., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор – аъзои комиссия; Гадоев Ҳ.С., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент – аъзои комиссия, мутобиқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Азиззода Маҳваш Абдулҳаким **хулосаи** зеринро қабул намуд:

1. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Азиззода Маҳваш Абдулҳаким дар мавзӯи "Идоракунии фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.26. – Маркетинг) мубрам ва рузмарра буда, таҳқиқоти илмии батмомрасида ҳисобида мешавад, ки он ҳалли масоили афзалиятноки илмӣ-назариявӣ ва ташкилӣ-методии равандҳои асосии ташаккул ва рушди идоракунии маркетингиро дар соҳаи кишоварзӣ дар бар гирифтааст.

Дар шароити муосир раванди идоракунии фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муҳим мебошад, зеро кишоварзӣ яке аз соҳаҳои асосии иқтисоди миллӣ буда, дар таъмини амнияти озуқаворӣ, шуғли аҳолӣ, рушди минтақаҳо ва афзоиши содироти маҳсулоти ватанӣ нақши калидӣ дорад. Бо вуҷуди ин, рушди устувори соҳа на танҳо ба истеҳсоли маҳсулот, балки ба ташкили самараноки бозор, фурӯш, нигоҳдорӣ, коркард, бастабандӣ ва пешбурди маҳсулоти кишоварзӣ вобаста мебошад.

Мубрамияти таҳқиқот аз он бармеояд, ки дар фаъолияти бисёр субъектҳои кишоварзӣ истифодаи усулҳои муосири маркетингӣ ҳанӯз ба

таври кофӣ ташаккул наёфтааст. Набудани таҳлили мунтазами талаботи бозор, заифии инфрасохтори фурӯш, маҳдудияти дастрасӣ ба иттилооти бозорӣ, сатҳи пасти брендинг ва бастабандии маҳсулот, инчунин мушкилоти рақобатпазирӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ зарурати такмили идоракунии фаъолияти маркетингиро ба миён меорад.

Дар шароити рақобати афзоянда, тағйирёбии талаботи истеъмолкунандагон ва зарурати баланд бардоштани иқтидори содиротии кишвар, татбиқи маркетинги муосири аграрӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад. Идоракунии дурусти фаъолияти маркетингӣ метавонад ба беҳтар шудани сифати маҳсулот, интихоби бозорҳои мақсаднок, ташкили шабакаҳои самараноки тақсимот, кам кардани талафоти маҳсулот ва баланд бардоштани даромаднокии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ мусоидат намояд.

Аз ин рӯ, таҳқиқи мавзӯи «Идоракунии фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои муайян намудани роҳҳои такмили механизми идоракунии маркетинг дар соҳаи кишоварзӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзии ватанӣ, рушди содирот, таҳкими амнияти озуқаворӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодиёти аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти муҳими назариявӣ ва амалӣ дорад.

2. Диссертатсия тибқи талаботи банди 61 Низомномаи Шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295) иҷро гардидааст. Диссертатсия дар шуъбаи омӯзиши равандҳои инноватсионӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2018-2025 ба итмом расонида шуда, дар ҷаласаи васеи шуъбаи омӯзиши равандҳои инноватсионӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ба ҳимоя тавсия дода шудааст (суратҷаласаи №9\1 аз 08.10.2025).

3. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 32 ва 33-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз 26 июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Мавзуи диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи маркетинг ба шумор меравад, диссертатсия бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

4. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба Шиносномаи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.26. – Маркетинг), ки вобаста аз он ба Шурои

диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03-юми апрели соли 2023 (№63/шд) ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, таҳти №10 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

5. Муқарраroти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 25 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки аз онҳо 2 мақола дар алоҳидагӣ (талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295)) дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба чоп расидаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

6. Дараҷаи асолати матни диссертатсия ва автореферати пешниҳодгардида ба меъёрҳои талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи муаллифони дигар, ки бидуни иншон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудаанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

7. Мутобиқи бандҳои 62-63-и Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 тасдиқ гардидааст, комиссия пешниҳод менамояд:

1). Диссертатсияи Азиззода Маҳваш Абдулҳаким дар мавзӯи “Идоракунии фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.26. – Маркетинг) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2). Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Ҷумъаев Баҳовиддин Маҳмадназарович – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, аъзои шурои диссертатсионии 6D.KOA-063;

- Абдурахмон Ҳакимзода - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

3). Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шотемур таъин карда шавад.

4). Барои гузоштани эълони ҳимоя, интишори диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ,**
**д.и.и., профессор** **Аминов Иномҷон**

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**

**д.и.и., профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**н.и.и., дотсент** **Гадоев Ҳ.С.**